Тасдиқ мекунам:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Ибодуллозода А. И.
«26» ____08____ соли 2022

ТАҚРИЗИ
муассисаи пешбар ба рисолаи номзадии Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Масъалаи омодасозии омӯзгорон ба фаъолияти омӯзгорӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Вазорати маориф ва илми кишвар мебошад. Асоси фаъолияти муассисаҳои таълимиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъмин менамояд. Барои болоравии сатҳу сифати таҳсилот нақши омӯзгор бисёр назаррас арзёбӣ мегардад. Сатҳи баланди фарҳанги омӯзгор пеш аз ҳама ба муоширати педагогии омӯзгорон вобастагӣ дорад. Имрӯз муоширати педагогии омӯзгорон, аз ҷумла омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити таҳсилоти муосир ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ аст. Аз нуқтаи назари хусусиятҳои синнусолӣ ва психологӣ муоширати педагогии омӯзгор бо мактаббачагони хурдсол хусусияти хоси худро дорад. Гузашта аз ин, таҷрибаи муоширати мактаббачагони хурдсол бо ҳамсолону калонсолон ҳанӯз ба қадри даркорӣ инкишоф наёфтааст. Дар робита ба ин, мушкилоти баланд бардоштани сатҳи муоширати педагогӣ байни муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагон тавассути истифодаи сухани пурobурангу таъсирбахши омӯзгор ва одоби баланди педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбия муҳим мебошад.

Унвонҷӯ зарурати омӯзиши мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоиро ба муоширати педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бо масъалаҳои зерин асоснок кардааст:

– номутобиқатии суръати тағйирот дар шароити иҷтимоию иқтисодӣ, касбӣ-педагогӣ ва равандҳои мутобиқшавӣ ба шахс;

– рушди усулҳои инсондӯстонаи ташкили муносибатҳои субъектӣ мувофиқи талаботи замони муосир;

– баланд бардоштани нақши муаллим вобаста ба масъалаи инсонгароии муносибатҳои байнишахсӣ дар муассисаи таълимӣ;

– пайдо шудани намудҳои нави муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сатҳи дигари хатмкунандагони равияи педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тақозо мекунанд.

Масъалаҳои фарҳанги муошират дар таҳқиқоти олимони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Г.Ҳоҷиматова, И.Х.Каримова, А.Мирализода, А.Нуров, Қ. Қодиров Б.Маҷидова, Ш.Шаропов, Ф. Гулмадов, С.С.Мирзоев, И.Ғуломов ва дар асарҳои олимони хориҷӣ А.А. Бодалева, В.А. Кан-Калика, Б.Ф. Ломова, А.В. Мудрик, В.Н. Мясищев ва дигарон инъикос ёфта, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Заминаҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологии ташаккули касбии мутахассисони ҷавон дар низоми маориф дар асарҳои М.Лутфуллозода, Ф., Шарифзода, А.Мирализода, А.Нуров, Қ.Қодиров, Б.Маҷидова, С.Г.Вершловский, Ю.Н.Кулюткин, Л.Н.Лесохинов, А.К.Маркова, Г.С.Сухобская, К.Г.Тротт, Р.М.Шерайзин ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асарҳои О.А.Абдуллин, Н.Ф.Гонобалин, Р.А.Жилтсов, Г.В.Кондратев, Н.В.Кузмин, В.А.Сластенин, МИ.Скублова, О.А.Абдуллин, Е.С.Исаев, В.А.Кан-Калик, Н.В.Кузмин, Л.Ф.Спирин, И.Шербаков ва дигарон марҳилаҳо, сатҳҳо, шароити мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавон, мушкилоти такмили ихтисоси омӯзгорон баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ оид ба муошират педагогӣ дар байни омӯзгорон ва хонандагон ихтилофҳои зеринро муайян намудааст:

– талаботи воқеӣ ба ташаккули муошрати воқеии педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва коркарди нокифояи асосҳои назариявии муошрати педагогӣ;

– байни талаботи воқеии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошрати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва сатҳи нокифояи амалкарди муошрати педагогӣ бо хонандагон;

– байни имконияти ташаккули муошрати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва мавҷуд набудани заминаҳои воқеии тамоюли рӯ овардани омӯзгорони оянда ба муошрати педагогӣ.

– байни имконоти истифодаи дастурҳои таълимӣ ҷиҳати муколамаи самарабахш дар ҷараёни таълиму тарбия номутобиқатии шартҳои татбиқи онҳо дар барномаҳои муосири таълимӣ ва тарбиявӣ;

– байни зарурати мусоидат ба ташаккули фарҳанги муошрат байни муаллимон ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва инкишофи нокифояи равандҳи қобили қабул барои таъмини фарҳанги муколама дар мисоли рафтори мусбӣ.

Дар асоси мухолифатҳои дар боло зикршудаи проблемаи таҳқиқот дақиқ карда шуд, ки аз муайян кардани асосҳои педагогии муошират байни муаллимони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагон дар мисоли намунаи рафтори мусбат мебошад.

Ҳамин тавр, бо назардошти камтаҳқиқ будани масъалаи мавриди назар ва мушкилоти мавҷудбуда оид ба муошırати педагогии омӯзгорон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти амалии он унвонҷу мавзӯи **«Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ»**-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муошırати педагогии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯовари омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муошırати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии модели илмии мутобиқсозии муаллимони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо).

**Асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

– мавқеи самаранокии истифодаи шаклу усулҳои самараноки корҳои тарбиявӣ, дарки ҷузъҳои таркибии муошırати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол аз ҷониби омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ гардидааст;

– шартҳои педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ вобаста ба таҳсилоти муосир муайян карда шуданд;

– мақсади асосии тамоюли рӯовари омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– дар ҷараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ тадбирҳои судманд андешида шудааст.

Рисолаи илмӣ дорои муқаддима, 2 боб, хулоса, 13 ҷадвал, 12 расм ва 198 адабиёт иборат буда дар 176 саҳифа таҳия гардидааст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, дастгоҳи илмии диссертатсия тарҳрезӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муоширати педагогӣ»** ҷанбаи педагогии масъалаи мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, муоширати педагогӣ ва нақши он дар мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар боби мазкур зикр карда мешавад, ки дар таҳқиқотҳои педагогӣ ҷанбаҳои гуногуни мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ баррасӣ карда шудааст. Масалан, муҳаққиқ Н.Ф.Гоноболин мутобиқшавии омӯзгоронро ба кор дар мактаб оид ба муошират бо хонандагон бо ҷаҳонбинии ӯ, ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти педагогӣ, инкишофи омодагии эҳсосотӣ-иродавӣ, тайёрии назариявӣ ва амалӣ ба кори омӯзгорӣ алоқаманд мекунад. Н.В.Кузмина, А.И.Шербаков, В.А.Сластенин, Е.И.Исаев мутобиқсозии шахсияти омӯзгори ҷавон бо сохтори фаъолияти педагогӣ, омодагии ӯро ба фаъолияти педагогӣ ва азхудкунии малакаҳои касбиро баррасӣ мекунанд.

Муҳаққиқ дар асоси мушоҳидаҳо маълум намудааст, ки бисёре аз омӯзгорони ҷавон барои барқарор кардани тамос ва таҷрибаи кор бо хонандагон мушкилӣ мекашанд, чунки барпо кардани ҳамкориҳои боандеша бо хонандагон дар кори педагогӣ мушкил аст. Ҳамзамон, фаҳмидани ҳолати рӯҳии кӯдакон ва ҳавасмандии психологии рафтори онҳо душвор аст.

Унвонҷӯ дар кори таҳқиқотии худ мафҳумҳои "Мутобиқгардонии омӯзгорони оянда ба муоширати педагогӣ" ва "мутобиқгардонии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ" таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардааст.

Унвонҷӯ дар асоси омӯзиш ва санҷишу таҳлилҳо ба чунин хулоса расидааст, ки омодасозии босифати омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ вобаста ба шароитҳои зерини педагогӣ натиҷаи дилхоҳ медиҳад:

– дар заминаи муошират ба талаботи педагогӣ ҷавобгӯ тарбия намудани хонандагон;

– ба нақшаҳои таълимӣ ворид намудани соатҳои махсус марбут ба муошират;

– корбаст намудани воситаҳои ёрирасон (вохурӣ бо адибон, шоирон, олимону наттоқони садо ва симо ва ғайра);

– истифодаи воситаҳои навини техникӣ ва компютерӣ;

– дар маҳфилҳои фаннӣ ворид намудани мавзуъҳои ба муошират алоқамандбуда;

– ба осори бузургони илму фарҳанг рӯ овардан дар таълими фанҳои таълимӣ.

Дар боби дуюми диссертатсияи худ Давлатов М.А. **"Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ"** ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ хулосабарорӣ намудааст.

Унвонҷӯ барои таҳлилу натиҷаҳои озмоиш вазифаҳои зеринро муайян ва ҳал намудааст: муайян намудани дараҷаи тайёрии омӯзгорон дар асоси дарки нуррати фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошират педагогӣ; мушаххасан аниқ намудани омодагии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳру деҳоти Кӯлоб; ба роҳ мондани чорабиниҳо барои мушаххас намудани омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-омӯзгорӣ дар раванди муошират педагогӣ; санҷидани натиҷаҳои модели низоми тайёр намудани омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошират педагогӣ; баланд бардоштани шавқу рағбати омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ дар раванди муошират педагогӣ.

Мақсад, мундариҷа ва усулҳои ҳар як марҳилаи тадқиқотро унвонҷӯ ҳангоми кори таҷрибавӣ-озмоишӣ истифода бурда, натиҷаи онро тавассути ҷадвалҳо инъикос намудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки барои баланд бардоштани дараҷаи омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ, аз як тараф, омӯзиши фанҳои педагогӣ бояд такмил дода шавад ва аз тарафи дигар курси амалии таълимӣ "Технологияи муошират педагогӣ" инкишоф дода шавад. Таҳия намудани барнома бо номи курси махсус ва ҷустуҷӯи алоқаи мусоид аз мавқеи ташкили муошират педагогӣ, шакл ва усулҳои таълими омӯзгорони ҷавон марҳилаи ҷустуҷӯии озмоиширо ташкил медиҳад.

Муҳаққиқ таҳқиқоти илмии худро дар 6 муассисаи таҳсилоти умумии шаҳри Кӯлоб ва Филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи

Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб гузаронидааст.

Муқарраротҳи назариявӣ дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, дар шароити табиии раванди таълим дар омӯзиши омӯзгорони ҷавон, курсҳои махсуси давраи таҷрибаи касбии омӯзгорӣ амалӣ карда шудааст. Дар озмоиш 144 нафар, аз ҷумла 80 омӯзгор, 64 донишомӯз ширкат варзиданд.

Рисола бо забони илмӣ, фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пайдар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада баёнгари онанд, ки унвонҷӯ дар атрофи мавзӯи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдааст. Ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз диаграммаҳо ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ истифода намудааст.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 16 мақола ва 1 монография нашр намудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашриёҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар рисолаи мазкур, дар баробари муваффақиятҳои зиёд, баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

1.Муаллифи рисола оид ба роҳҳо ва воситаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар машғулиятҳои берунасинфӣ аз фанни математика маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст;

2.Барои афзоиши фаъолияти маърифатӣ дар раванди ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён дар таълими математика дар қатори пойгоҳи моддию техникӣ сатҳи омодагии касбии омӯзгорон низ критерияи асосӣ ба ҳисоб меравад, ки муаллифи рисола ин паҳлуи корро ба инобат нагирифтааст;

3.Истифодаи адабиёт бо забони тоҷикӣ доир ба мавзуъ нисбат ба забонҳои дигар камтар ба чашм мерасад;

4.Дар рисола баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Эродҳои овардашуда ҷанбаи ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши асосии назариявию амалии рисоларо коҳиш дода наметавонанд.

Рисолаи илмии Давлатов Мирало̄ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.
Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва хиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки маҳдудияти он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эҳтимоли кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатов Мираҳлӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба бандҳои 76, 77 ва 79-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Давлатов Мираҳлӣ Абдусамадович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.
Дар ҷаласа иштирок карданд 14 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» 14 нафар.
«Зид» - нест.
«Бетараф» - нест

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Наимов Зариф Ҷомиевич омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика санаи 26-уми августи соли 2022 (суратмаҷлиси №1) муҳокима карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ____________ Наимов Зариф Ҷомиевич
Ташхисгар (Эксперт) - раиси
Шӯрои илмӣ-методии кафедра
н.и.п., дотсент ____________ Арбобова Ф.
Котиби ҷаласа ____________ Мансурова Ҷ.

26.08.2022.
Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рудакӣ,121.
Тел.моб.918 65 71 94, суроғаи электронӣ: naimov-zarif@mail.ru
Сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ: www.tgpu.tj

Имзои З. Ҷ. Наимов, Ф. Арбобова ва Ҷ. Мансуроваро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ ____________ Мустафозода Абдукарим